**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна дар мавзӯи «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Ҳадафи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дар баробари ташвиқу таблиғи тарзи ҳаёти солим, инчунин яке аз воситаҳои муассири таҳким бахшидани дӯстӣ ва ҳамкориҳо миёни на танҳо варзишгарон, балки инсонҳо ва кишварҳои ҷаҳон аст. Илова бар ин, варзиш омили муҳимми ҷаҳоншиносии инсон, ба ҳамдигар муаррифӣ ва наздик гардидани халқу миллатҳо ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои мухталиф маҳсуб дониста мешавад. Гузашта аз ин, маҳз соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, он ба таъмини оммавияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таҳкими тарзи ҳаёти солим, мусоидат намудан ба омодакунии варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, диссертатсия таълифнамудаи муҳаққиқ Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна маҳз ба ҳамин масъалаи мубрам – «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» бахшида шудааст.

Унвонҷӯ оид ба мавзӯи интихобнамуда маъхазҳои зиёди илмиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар ҳамин асос мухтаво, вазифа, навигарӣ, аҳамияти амалию назариявӣ, нуқоти илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисоларо тарҳрезӣ намудааст.

Дар диссертатсия талаботи мавҷуда нисбат ба банду басти қисмати илмии рисолаҳои илмӣ риоя карда шуда, кӯшиш ба харҷ дода шудааст,

ки мубрамияти мавзӯи интихобкардашуда ба таври илмӣ асоснок карда шавад.

Аз ҷониби унвонҷу ба таври муфассал таҳқиқотҳои илмии психологҳо, педагогҳо, файласуфон омӯхта шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои методологӣ ва умуминазариявии бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ матраҳ гардидааст.

Заминаи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот ва мантиқи фикрронӣ ба талаботи мавҷуда оид ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Тавре аз муҳтавои автореферат дида мешавад, ҳадафи таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асосноксозии консепсияҳои тарбияи насли солим ва ташаккули тарзи ҳаёти солим тавассути тарбияи ҷисмонӣ ва рушди истифодаи бозиҳои серҳаракти миллӣ дар хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳлили мантиқ ва тартиби функсионалии бозиҳои миллӣ, муайянсозии таносуби падидаи тарзи ҳаёти солим ва бозиҳои миллӣ, ҷанбаҳо ва самтҳои сохторӣ ва функсионалии онҳо дар фаъолияти омӯзгор бо хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун натиҷаи назариявӣ иборат мебошад.

Дар автореферати диссертатсия ба таври муфассал назария ва таснифи бозиҳои миллӣ дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯхта, таҳлили илмӣ-педагогӣ карда шудааст.

Яке аз ҷойгоҳи махсусро дар таҳқиқоти диссертатсионии Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна фарҳанги варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ишғол менамояд. Аз нуқтаи назари унвонҷу фарҳанги ҷисмонии шахсӣ бояд на танҳо идеяи инкишофи ҷисмонии шахс, балки инкишофи рӯҳиро низ дар бар гирад. Бар илова унвонҷу таъкид менамояд, ки арзишҳои маънавии миллатҳоро, ки бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш

алоқаманданд, таҳлил намуда, мушоҳида мекунем, ки истифодаи варзиш аз ҷониби инсоният ҳамчун роҳи беҳбуди муносибатҳои байни одамон, гурӯҳҳо, синфҳо, миллатҳо ва кишварҳои гуногун тавассути рақобати осоишта амалӣ мегардад.

Дар автореферати диссертатсия бозиҳои дидактикӣ ва мавқеи онҳоро дар низоми таълим ва тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ муҳим арзёбӣ карда шуда, зикр карда мешавад, ки ҳангоми ташкили бозиҳои миллӣ бояд хусусиятҳои хоси онҳо, минтақа, ҷинс, синну сол, мавсим, моҳияти этнографӣ ва дигар хусусиятҳои бозиҳо ба назар гирифта шавад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур масъалаи ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар самти методии дарси тарбияи ҷисмонӣ ва ҳавасмандгардонии хонандагони синфҳои болоӣ дар соҳаи варзиш ва бозиҳои миллӣ, шакл ва усулҳои методии дарси тарбияи ҷисмонӣ дар асоси бозиҳои миллӣ, тарбияи тарзи ҳаёти солими хонандагон тавассути бозиҳои серҳаракати миллӣ дар заминаи анъанаҳои педагогикаи халқӣ, инчунин самтҳои методҳоии муассири дарси тарбияи ҷисмонӣ ва ҳавасмандгардонии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соҳаи варзиш вобаста ба бозиҳои миллӣ таҳлилилу натиҷагирӣ карда шудааст.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар вақти дарс бо истифода аз бозиҳои миллӣ муаллим бояд ҳангоми гузоштани мақсад бояд ба элементҳои зерин диққат диҳад: мақсад бояд мушаххас ва бо натиҷа пайваст бошад; мақсади гузошташуда бояд бо воқеият мувофиқ бошад; мақсад бояд даврабандӣ шуда, дар муҳлати муайян ҳал карда шавад.

Дар автореферати диссертатсия масъалаи дар хонандагон ташаккул додани тарбияи тарзи ҳаёти солим ва раванди иҷтимоишавии хонандагони синфҳои болоӣ дар самти варзиш ва дарси тарбияи ҷисмонӣ яке аз масъалаҳои меҳварӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин бора муаллиф ба омӯзгорон тавсия ва дастурҳои мушаххас пешниҳод намудааст. Таъкид карда мешавад, ки роҳи муҳими тарзи ҳаёти солимро

эҳёи бозиҳои миллӣ ташкил медиҳанд, ки тавассути анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ мавриди амал қарор мегиранд.

Муаллиф воқеан дуруст таъкид менамояд, ки рафти бозӣ ҳама вақт дар таркиби худ инъикоскунандаи ҳақиқатро доро мебошад, ки он дар шакли образ, меъёрҳои ахлоқӣ, категорияҳои ҷасорату мардонагӣ ва хислатҳои мусбӣ ва манфӣ баррасӣ мегардад. Ин аломатҳои бозӣ омили тарбиявӣ ва иҷтимоишавии хонандагонро ташкил медиҳанд.

Аз нигоҳи муаллиф пеш аз ҳама омили инъикоскунандаи ҳақиқатро бояд дар бозӣ муайян намуд. Бояд муайян карда шавад, ки бозӣ аз ҷиҳати мазмуни худ кадом вазифаро иҷро мекунад ва барои наврас дар ҳаёти ҷамъиятӣ чӣ фоида дорад. Дар асоси ҳамин моҳияти бозӣ раванди иҷтимоишавӣ ва тарбиявиро касб мекунад.

Хулоса, диссертатсия таълифнамудаи Қаландарбекова Бунафша Худоёрбековна «Назарияи бозиҳои миллӣ дар доираи консепсияи дарси тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» дорои арзиши баланди илмӣ-назариявӣ буда, пайдарҳамӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронида ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Юнусова Нафисахон Муродовна

4. 08. 2025.

*Имзои Юнусова Н. Ф.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус — Шодихонзода Э.Ш.

Маълумот барои тамос: Тел: 907974807 nafisa48@mail.ruСуроға: 734 024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17